**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

**«6» 03 соли 2023** **ш. Душанбе**

Диссертатсияи номзадии Одинаев Саидаҳмад Полвонович ба мавзуи «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик» башида шудааст. Амсиласозӣ (моделирование) яке аз усулҳои пурзӯри маърифат дар ҳамаи соҳаҳои илми имрӯза дониста шудааст. Амсиласозӣ яке аз паҳлӯҳои ба таври васеъ истифодашавандаи соҳаҳо ва падидаҳои гуногуни воқеият мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ дар соҳаи омӯзиши фразеология шакл ва қолабҳои сохташавии ВФ мебошад, ки аз нуқтаи назари забоншиносӣ аҳаммияти калонро соҳиб шуда метавонад. Омӯзиши ҳаматарафаи он барои ҳалли бисёре аз масъалаҳои назариявии фразеология, аз ҷумла муносибати фразеология бо сарфу наҳв (грамматика), таърихи инкишоф, шаклгирӣ ва тағйирёбии воҳидҳои фразеологӣ кумак расонида метавонад.

Навгонии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал силсилаи фразеологизмҳои ҳамқолаб таҳқиқ шуда, қолабҳои нисбатан серистеъмоли шаклгирии ВФ-и забони тоҷикӣ нишон дода мешаванд. Ғайр аз ин, муносибатҳои лексикии категорияҳои гуногуни фразеология – гунаҳо, муродифот, мутазодҳо ва ВФ-и ҳамқолаб муайян карда мешаванд.

Ҳангоми таҳлилу баррасии моҳият ва асосҳои назарии таҳқиқ бештар ба таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ, ба монанди Таҳқиқоти мавзуъ дар асоси маводи забоние сурат гирифтааст, ки аз осори адибони тоҷик С.Айнӣ, Ҷ.Икромӣ, М.Турсунзода, С.Улуғзода, А.Деҳотӣ, Р.Ҷалил, Ф.Ниёзӣ, Ф.Муҳаммадиев, Р.Амонов, Ю.Акобиров, М.Хоҷаев, И.Файзуллоев, А.Баҳорӣ, Сорбон, Саттор Турсун, М.Наҷмиддинов, Б.Насриддинов, У.Кӯҳзод, М.Бахтӣ А.Самадов, М.Пулодов, Баҳром Фирӯз, Баҳманёр, инчунин луғатҳои дуҷилдаи «Фарҳанги ибораҳои рехта»

(тартибдиҳанда М.Фозилов) ва «Фарҳанги забони тоҷикӣ» гирдоварӣ карда шудаанд.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқи диссертатсияи муайян намудани хусусиятҳои лексикию маъноӣ ва сохтории ВФ-и ҳамқолаб, таркиби лексикии ҷузъҳои дохилӣ, алоқамандии онҳо бо гунаҳо, муродифот ва мутазодҳои фразеологӣ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундариҷаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Тадқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима ва се боби асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашудаи илмӣ ва бадеӣ иборат аст.

Дар муқаддима сабаби интихоби мавзӯъ асоснок карда шуда, мавзӯъ ва мақсади тадқиқот таҳлил карда мешавад ва принсипу усулҳои таҳқиқ баррасӣ карда мешаванд. Ҳамчунин сайри таърихии омӯзиши масъалаи мавриди таҳқиқот анҷом дода мешавад.

Боби якум «Мавқеи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар байни дигар гурӯҳҳои сохтории фразеологияи забони адабии муосири тоҷикӣ» ном дошта, аз ду фасл иборат аст.

Боби дуюм «Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ва хосиятҳои муҳимтарини онҳо» номида шудааст. Ин боб аз 3 фасл иборат аст.

Боби сеюми рисола "Муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо дигар категорияҳои фразеологӣ" ном дошта, умумият ва фарқияти фразеологизмҳои ҳамқолаб бо муродифоти фразеологӣ ва мутазодоти фразеологӣ баррасӣ карда мешавад.

Дар хулосаи кор мазмуну муҳтавои диссертатсия дар 9 банд натиҷагирӣ карда шуда, мақсад ва вазифаҳои пешгузоштаи муҳаққиқ пурра дар он ҷамбаст гардидааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 14 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки бевосита ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд.

Мубрамияти мавзуи таққиқ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳкиқ ва арзиши амалии онро ба назар гирифта комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович дар мавзуи «Воҳидхои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик» таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод намудан мумкин аст.Дар асоси банди 60-и «Тартиб до дани дараҷаҳои илмӣ», комиссиям экспертй чунин хулоса мекунад:

1. Диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович дар мавзуи « Воҳидхои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамоянд:

**2.1. Низомова Санобар Фахриевна** – доктори илми филология, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино;

**2.2. Назаров Мехрубон Ниёзматович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар;

3.Ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** пешниҳод карда мешавад.

4.Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода

шавад.

5.Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Гадоев Нурхон

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳматуллозода С. Р.

доктори илми филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Қосимов О. Ҳ.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«_6_»_03_ соли 2023